# 22838 - Ҳукми касе, ки дар моҳи Рамазон духтари бегонаеро бӯса кардааст

**савол**

Ҳукми касе, ки дар моҳи Рамазон духтари бегонаеро бӯса кардааст, чист? Оё қазои он рӯз бар ӯ воҷиб аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бешак ин марде, ки зани бегонаеро бӯса намудааст, ҳикмати рӯзаро дарк накардааст, зеро ин мард кирдори ботилеро анҷом додааст. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар кас гуфтору кирдори ботил ва ҷаҳолатро тарк накунад, Аллоҳ ба тарки хӯрдану нӯшидани ӯ, ҳеҷ ниёзе надорад».**

Агар духтарро маҷбур намуда, ин корро анҷом дода бошад, дар ҳаққи ӯ кирдори ботил ва ҷаҳолат бо ҳам ҷамъ шудаанд. Аз ин рӯ, дар воқеъ рӯзаи ӯ ҳикмату ҳадафи худро гум кардааст ва бидуни шак савоби он ноқису нопурра буда, вале дар назди аксари донишмандон рӯзааш фосид намешавад. Ин ба ин маънost, ки мо ба ӯ намегӯем, ки қазои он рӯзро адо намо.